Ме тоу 2
М-95



Шарифи
МУХАММАДЁР

# ОБШОРИ ЗИДЕҲ

Мел тоҷ 2
14-95.

ШАРИФИ МУҲАММАДЁР

# ОБШОРИ ЗИДЕҲ

Китобхонаи ... Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М. Мирша...
3357

ДУШАНБЕ
«Адиб»
2004

ББК 2+4
М-50

Ин китоб бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ба табъ расидааст.

*Муҳаррир Юсуфҷон Аҳмадзода*
*Мусаввир С.Антонова*

4803540202 –46
М————————— 2004
М501

© Шарифи Муҳаммадёр, 2004 с.

Агар аз роҳи Душанбе ағбаи Анзобро гузашта бошед, аз чап деҳаи Майхӯра ва аз рост Зидеҳро бо шавқ тамошо хоҳед кард. Хоса Зидеҳ, ки дар ғоят обшор аст. Обҳо ҳамвора аз перомуни об бархезад, ба Варзоб резад. Баҳорон атрофу акнофро гулафшон кунад. Тирамоҳонаш низ сурати марғуб дорад. Зимистонаш саропо нуқрапӯш аст аз барфҳо бо роҳу пайроҳаҳояш. Мардумаш, ки меҳмондору одамдӯстанд дар байни манзараҳои дилангези кӯҳсор молики табъи равонанд, ҳунарманду эҷодкор.

Шарифи Муҳаммадёр, ки аз фарзандони Зидеҳ аст, тавъам ба кори таълиму тарбия шеър мегӯяд. Шеърҳояш равон, сода, мӯъҷаз ва хушвазну қофия. Ва боиси хурсандист, ки маҳз барои кӯдакон менависад. Бовар дорам, ки аксари шеърҳояш писанди хонандагони хурдсол хоҳанд шуд. Онҳо ба василаи шеърҳои ӯ панду одоб хоҳанд омӯхт, табиатро дӯст хоҳанд дошт, ватанпарвару миллатшинос хоҳанд гашт.

Мо ба шоири зидеҳӣ Шарифи Муҳаммадёр сиҳатмандиву барори кор мехоҳем.

Юсуфҷон Аҳмадзода

## МЕҲМОН

Шамолаки нарм омад,
Бӯйи нони гарм омад.
Бӯйи зира, бӯйи сир,
Бӯйи ҳалво, бӯйи шир.
Бӯйи хуши ош омад,
Бӯйи шӯламош омад.
Ҳар гаҳе меҳмон ояд,
Пир ояд, ҷавон ояд.
Дарвозаи мо боз аст,
Модарам сарфароз аст.
Ман ҳамроҳи дадоям,
Сари дастархон оям.
Меҳмон чу шамъи хона,
Мо ба гирдаш парвона.

## ТӮҲФА

Оча, қоқу овардам,
Аз лаби ҷӯ овардам.
Қабзаи қоқуро гир,
Бӯи лаби ҷӯро гир.
Тӯҳфаи зодрӯзат ин,
Рӯзаки фирӯзат ин.
Қоқу файзи баҳор аст,
Арӯси марғзор аст.

## БИБИИ МАН КУЛОЛ АСТ

Бибии ман боҳунар,
Ба ҳунараш як нигар.
Дар пешакаш хоку гил,
Дар лагану дар сатил.

Хамир шӯрад аз хок,
Дар зери сояи ток.
Шӯрида ҳар гуна чиз,
Созад бибӣ тез-тез
Кӯзаю косаю тос,
Ки мезанад ялаққос.
Бозичаҳо месозад,
Хеле зебо месозад.
Бибии ман кулол аст,
Кори бибӣ ҳалол аст.
Хоҳӣ, хона биё, бин.
Хона не, як магазин.

## ЧУН БАЧАИ ПАЛАНГАМ

Пӯстини ранга-ранга,
Гулҳояш танга-танга.
Ягон дарзаш наканда,
Ба қоматаш зебанда.
Тугмаҳояш пурҷило,
Риштаҳояш аз тило.
Худро бо ин пӯстинам,
Дар оина мебинам.
Дидӣ, ки ман чӣ рангам?
Чун баччаи палангам.

## АБРИ БАҲОР

Абри сияҳ саросар,
Паҳн намуда чодар,
Тарақ-турук садо кард,
Ваҳм ба дилҳо ҷо кард.
Барқ мижа ба ҳам зад,
Як дамаки беғам зад.

Калон-калон борон рехт,
Гӯё аз новадон рехт.
Ҷӯча пур аз об шуд,
Кӯча пур аз об шуд.
Шамол аспашро зин зад,
Ба ҳар тараф қамчин зад.
Абри сияҳро сур кард,
Аз сари қулла дур кард.
Офтобак тобанда шуд,
Дунё пур аз ханда шуд.

## ИЗЗАТИ БОБО

Нон ораму хон орам,
Ҳарчи гӯи он орам,
Ба пешакат гузорам.
Дар пиёла чой резам,
Аз чояки худ хезам.
Бар дастаки ту монам,
Шеъру ғазалҳо хонам.
Ҳарҷо, ки пири мо аст,
Кору тадбири мо аст.

## НОРӢ, НОРӢ

- Ман Норӣ, Норӣ, Норӣ,
Додар бидех-ку ёрӣ.
Рафта ҳезум биёрӣ,
Пазам кашки ҷуворӣ.
- Не-не, апа, хуш дорӣ?
Намехӯрам ҷуворӣ.
- Додар, додар гул ворӣ,
Иштиҳо гар ту дорӣ.
Рафта обам биёрӣ,
Пазам-пазам нахорӣ.

Суманаки баҳорӣ.
- Чи хуш, чи хуш мепазӣ,
Аз гандуми ҳисорӣ.

## РАҲГАРДОН

Кафш харид акоям,
Аз барои укоям.
Укоямро шинондам,
Кафшакашро пӯшондам.
Аз ҷоякаш хезондам,
Дида ба сӯяш мондам.
Укои ман равон шуд,
Равон-равон чаққон шуд.
Чу лолаи хандон шуд,
Шодии хонадон шуд.
Тай-таю по-по гуфтем,
Кулчаю ҳавло пухтем.

## НУСХАИ ДОДОМ

Бо қомати зебоят,
Бо ҷомаи дебоят.
Бо лабони пурханда,
Бо чеҳраи зебанда,
Феъли хушу атворат,
Ҳам рафтору гуфторат.
Ин ҳама пурсу посат,
Эҳсону лутфи хосат.
Додар, қоматбаландӣ
Ба додоят монандӣ.

## УСТО

Усто қошуқ тарошад,
Бо тақутуқ тарошад.
Аз чӯб созад зинаш,
Табақҳои чӯбинаш.
Гулдони кошӣ созад,
Лаганди ошӣ созад.
Ҳар гуна чиз месозад,
Курсию миз месозад.
Дарун беруни тоқаш,
Гулнақшаи равоқаш.
Ҳама боби тамошост,
Манзараи дилрабост.
Ба чӯб ӯ ҷон диҳад,
Зинати даврон диҳад.

## ХОБ

Худро шиновар гуфтам,
Зӯру диловар гуфтам.
Ҳавзакс дидам пуроб,
Паридамаш бошитоб.
Бол задам бо ду даст,
Гоҳ баланду гаҳ паст.
Ду по задам беқарор,
Ҳалқа задам ҳамчу мор.
Чаппа шудам зери об,
Ҷонаки ман дар азоб…
Об фурӯ мебарад,
То ба гулӯ мебарад.
Пур шуда, бинӣ, даҳон,
Оҳ, аз об ин замон:
- Хез! - Бигуфто Амон,
Дер ба мактаб намон?!

## ФАТИРИ ОЧАМ

Пур-пури лахча,
Танӯри тафсон.
Оча нишаста,
Нон мепазад, нон.
Нонаш бубинӣ
Аз равғану шир.
Боби даҳони,
Бобою кампир.
Фатири гармак,
Биё, ту ҳам хӯр,
Чу ман бигӯ ту,
Оча, ташаккур!

## ОРЗУ

Куртаи рах-рах дорам,
Дав-давон фараҳ дорам.
Кулаҳчаи маллоҳӣ,
Лентачадэри шоҳӣ.
Пар-пар занад дар сарам,
Киштичаро мебарам.
Киштичаам гӯгирд аст,
Дар мавҷи гирдогирд аст.
Биё, нигар рӯйи об,
Киштичаро бошитоб.
Бо ришта мекашонам,
Фардо киштӣ меронам.

## ГӮГИРДЧӮБ

Ман, ки чӯби худсӯзам,
Дон, ки оташафрӯзам.

Дармегирам, сӯзонам,
Дар хизмати инсонам.
Бе ман паз-паз набошад,
Оташ ба газ набошад.
Лахчаю нур ҳам нест,
Нони танӯр ҳам нест.
Ба ҳама кас даркорам,
Беминнат дастиёрам.
Ман озода гӯгирдам,
Кӯдак нагардад гирдам.
Аз ман шавед эҳтиёт,
Эҳтиёт ними ҳаёт!

## ЭҲТИРОМ

Ҳо ҷастаму ҳо ҷастам,
Дар автобус нишастам.
Ногоҳ дидам як пирро,
Пири нафақагирро.
Солаш қариби ҳаштод,
Базӯр-базӯр меистод.
Ҷоямро ба ӯ додам,
Аз ин корам дилшодам.

## КОНИ ХАНДА

Хоҳӣ, дилат кушояд,
Бобо, ман аз бароят.
Барномаро кушоям,
Базми ханда ороям.
Ба рӯ гирам ниқобам,
Бингар, чӣ сон метобам.
Хоҳӣ, ту мушак шавам
Бузу харгӯшак шавам.

Худро чу рӯбаҳ кунам,
Лангон сари раҳ кунам.
Хоҳӣ шаголак шавам,
Мурғи уболак шавам.
Бобо ҳузур мекунӣ,
Ғамота дур мекунӣ.
Хонамон кони ханда,
Хандаи ту зебанда.

## МАСХАРА

- Шаб хобе дидам, уко,
Аз ҷо паридам, уко.
-Ҷон, акаҷонам, Идӣ,
Хобаки ганда дидӣ?
- Гӯргаки зӯр дидам,
Лангону кӯр дидам.
Ҳаққонӣ ганда будаст,
Гурги даванда будаст.
Омад ба қасди барра,
Дандонҳояш чун арра.
- Уко, дар маҳкам будаст,
Дурӯғат кам-кам будаст.
Саг дар паси дар будаст,
Аз ин бехабар будаст?

## МАВИЗУ МАҒЗИ МАН

- Дидам, Соро, ба пуштат
Пинҳон намудӣ муштат.
Магар дар он набот аст?
Ё қанду мармалод аст?
Ё шаҳтути Ёвон аст,
Ё ноки Марғелон аст?

Аҷаб не, қоқу аштак,
Ё пистаҳои чақ-чақ.
Шояд, ки он савғотӣ,
Чормағзаки қоғотӣ?!

## АЗ ИМТИҲОН АФТОДАМ

- Сабил монад ин ёдам,
Додо, имрӯз афтодам.
- Баччаи ҷонам, Шодӣ,
Аз тори бом афтодӣ?
- Не, додо, аз имтиҳон,
Афтодаам ин замон.

## ТУ КАЛОНӢ, Ё КИ МАН

- Ту калонӣ ё ки ман?
Апаҷони ман, Чаман.
- Як сол аз ту калонам,
Қадам ба ҳашт монам.
- Ин хел бошад, апаҷон,
Оҳистатар қадам мон.
То ки ба соли диғар,
Шавам бо ту баробар.

## ДУ БУЗАК
## (Мазмун аз афсонаи халқӣ)

Дар пулаки рӯйи ҷӯ,
Омад ду буз рӯ ба рӯ.
Як бузакаш сафед буд,
Гӯшаш чу барги бед буд.
Сафед гуфто бар сиёҳ:



- Ақиб гашта, бидеҳ роҳ!
Сиёҳ гуфто бар сафед:
- Дорӣ зӣ ҷонат умед?
Ман, ки калону фарбеҳ,
Роҳи гузар ба ман деҳ,
Сафед гуфт: Сиёҳ ту,
- Агар надиҳӣ роҳ ту.
Мезанам ба шоху чанг,
Менамоям калаҷанг.
Ҳарду моҷаро карданд,
Ману тую мо карданд.
Манзарае аҷаб шуд,
Калакӯбӣ сабаб шуд.
Сафед надода раҳ, зад,
Аз он тараф Сияҳ зад.
Ҳарду ба ҷӯй ҷар шуд,
Холӣ раҳи гузар шуд.

## ХАНДАИ ШИРИН

- Акоҷонам, аз ростӣ,
Хушрӯякам мехостӣ?
- Бале, додарҷони ман,
Туӣ дилу ҷони ман.
Қобилу доно бошӣ,
Бачаи зебо бошӣ.
Ҳар гаҳ агар механдӣ,
Ба бобоям монандӣ.
Риши хушрӯ ӯ дорад,
Нур аз рӯяш меборад.
Фута миёнаш бандад,
Ширин-ширин механдад.

## АСО

- Мӯсафеди Мустафо,
Доим гардад бо асо.
Лекин бобоҷон, шумо,
Намегардед бо асо.
- Набераи ширинам,
Ҳар ҷо хезам, нишинам.
Асо туӣ бароям,
Бошад кучо парвоям?

## ҶӮРА НАЯМ БА ҚАЙЧӢ

- Ҷӯрагиро, эй Ҳамид,
Кандӣ чаро аз Умед?
Гуфт Ҳамид аз ғурур,
- Ин хел одам чи даркор
Ҳар рӯз агар биёяд,
Айби маро намояд.
Дина бигуфто ба ноз:
«Мӯйи сари ту дароз».
Гуфтам: - Корат ба ман чӣ?!
Ҷӯра наям ба қайчӣ.

## МАСЛИҲАТ

Мӯсафеди беозор,
Дар дасташ як халта бор.
Аз роҳи дур меомад,
Базӯр-базӯр меомад.
- Бобо,-гуфтам, сад таҳсин,
Бори ту хеле вазнин.
Медонӣ, роҳи кора,
Бора бикун пуштора.
Раҳ меравӣ тир барин,
Маслиҳати ман ҳамин.

## ҶӮРАГӢ

Қодир гуфто: Ҳасан, ту,
Бишнав гапе аз ман ту.
Ту ҷӯраи деринам,
Ҷудо нағзат мебинам.
Себе дорӣ дар киса,
Биё, кунем ду ҳисса?!
- Фандам мадеҳ, эй Қодир,
Ҷӯрагиро ман ҳозир
Бовар кун, аз ту кандам,
Ҷӯра шудам бо Ҳамдам.

## ҶУВОРӢ

- Ҷувориро дидаӣ?
Донаи он чидаӣ?
- Ҷувориро дидаам,
Донаҳояш чидаам.
Дидӣ сари ҷуворӣ?
Мӯяки момо ворӣ.
Риш ба тори сараш,
Соя кунад дар бараш.
Ришаки хушрӯю соз,
Аз риши бобо дароз.

## ТАРБУЗ

Ба об афтад агар буз,
Медонӣ Фирӯз як рӯз.
Чӣ мешавад баъд аз он?
«Тарбуз»-и кори калон.

## ОРЗӮИ ТАНБАЛ

Як ҳафта таҳсил бошад,
Ду ҳафта таътил бошад.
Барои ман, ҷӯраҷон,
Ҳамин табъи дил бошад.
Нахоҳам ҳисоб бошад,
Дар дастам китоб бошад.
Ба ҷойи дарси забон,
Як соатак хоб бошад.
Дарси таърих кашмакаш,
Ҳама танку тӯп, оташ.
Аз дасти тиру туфанг,
Охир мешавӣ гаранг.
Орзӯякам ба таълим,
Хоҳиш ҳамин муаллим.
Бе пурсишу бекоҳиш,
Бо лутфу бо навозиш.
Монӣ-монӣ, арзонӣ,
Чору панҷи деҳқонӣ.

## ҶАВОБИ ПАНҶ

- Ту ки баҳои панҷӣ,
Бигӯ, аз кӣ меранҷӣ?
- Аз баҳои яку ду,
Бачаи калакаду!

## СӮЗАНУ РИШТА

Ришта гуфто ба сӯзан:
-Намебудам агар ман.
Ҳангоми дарздӯзӣ,
Оҷиз туи ба дӯхтан.

Китобхонаи давлатии бачагонаи
Ҷумҳурии ... и ба номи

- Ин гап ҳаққат, ришта,
Дар куҷо ин навишта.
Вақти дӯхтан бе сӯзан,
Ришта тавонад дӯхтан?!

## БОҒИ ҲАМСОЯ

Ману Алӣ якҷоя,
Ба ҳавлии ҳамсоя.
Ҳарду ниҳонӣ рафтем,
Балки меҳмонӣ рафтем.
Боғи пурмева дидем,
Себу шфтолу чидем.
Гиру чину хӯр кардем,
Бағалҳоро пур кардем.
Дар кисаҳо дулона,
Мерафтем акнун хона.
Ки соҳиби боғ омад,
Аз тарафи роғ омад.
Аз ҳайбату табу тоб,
Бедор ғаштам аз хоб.

## ДУРӮҒ НАГӮЯМ

Оча, дурӯғ нагӯям,
Айби касе начӯям.
Лола пиёла шикаст,
Дар назди хола шикаст.
Табақ афтод аз дастам,
Дина худам шикастам.
Имрӯз шуд ду пора,
Оинаи Ситора.

## ДАР НӮГИ ҚАЛАМ

Ҷумла навиштам,
Ҷумларо хондӣ.
Валекин, Аҳмад,
Нуқта намондӣ?!
- Хонда навиштам,
Медонӣ, Аъзам.
Нуқтааш ҳоло,
Дар нӯги қалам.

## ЧӢ ОВАРДӢ

- Чиҳо-чиҳо овардӣ
Имрӯз аз дарс Анварҷон?
- Ду чору панҷ овардам,
Дар рӯзнома, додарҷон.

## РАСМ

Чу себи сурх бари рӯ,
«О»-и калон сари ту.
Ду гӯшакат чу вергул,
Бинӣ – минқори булбул.
Ду нуқтача чашмонат,
Дуто хатча қошонат.
Даҳонакат вози воз,
Қоматакат ҳам дароз.
Андаке ин су нигар,
Боз кашам мӯйи сар.
Ду абрӯят чину чин,
Худи худакат барин.
Лунчу лабат овезон,
Расми кӣ бошад, Амон?

## МАН-МАНӢ

Мегӯӣ ман паҳлавон,
Паҳлавони ҳар майдон.
Кору борат ман-манӣ,
Бо ину он мезанӣ.
Дидам туро ба гӯштин,
Печонда ҳаллук Амин.
Бардошта зад инчунин,
Пушту сарат бар замин.
Сар нафарорӣ ба он,
Боз қапӣ аз миён.
Дасту миёнат зада,
Лунҷу лабонат зада.
Пешаки чашмат кабуд,
Гашта бинӣ чун мурут.
Чун хурӯси кулангӣ,
Ба чангиву ба ҷангӣ.
Ҷӯраи ҷонам Амон,
Худро магӯ паҳлавон.
Бас кун дигар кори худ!
Маҷӯ ту озори худ.

## МУШАК

Мушак, чӣ кор мекунӣ,
Хона шикор мекунӣ?
А́з мавизу аз мурӯд,
Себаки қоқу қурут.
Мошу биринҷу нахӯд,
Ҳарчӣ, ки буду набуд.
Магзаку дон мекашӣ,
Резаи нон мекашӣ.

Кораки ту равуо,
Мешикофӣ ҳар куҷо.
Кунҷаки бому девор,
Хӯрокат анбор-анбор.
Дуздии ту хап-хапак,
Дошта гирам бо қапак.
Аз думи ту биёрам,
Дасти пишак супорам.

## МАГАС

Магас, ки пар мезанӣ,
Пар гирди сар мезанӣ.
Ту ҷӯраи чиркинӣ,
Дар ҳама ҷо мешинӣ.
Бемориҳо меорӣ,
Озори кас медорӣ.
Бишнав, ба ту мегӯям,
Агар шинӣ, ба рӯям.
Чунон занам, ки донӣ,
Дигар зинда намонӣ.

## МЕБУД АГАР СЕ ДОНА

- Шукронаҷон, Шукрона,
Анори дона-дона.
Монда будам, гирифтӣ,
Аз тоқи рӯйи хона.
- Апаҷонам, анорат,
Мебуд агар се дона.
Дутояшро мемондам,
Баҳри Туву Рухшона.

## САВОЛ

Худ ба худ ояд савол,
Ин чӣ гапу ин чӣ ҳол?
Чаро, ки ях, ях шудаст?
Аз хунукӣ шах шудаст?
Баҳри чӣ оби дарё,
Намеравад ба боло?
Чаро шамол нонамо?
Ҷояки хобаш куҷо?
Чаро, ки соли рафта,
Намеояд ин ҳафта.
Чаро барорӣ овоз?
Бепар намояд парвоз?
Олам пури савол аст,
Ҷавоби он маҳол аст.

## ХОҲИШИ ТАНБАЛХӮҶА

Муаллимҷон, супориш,
Макун маро ту коҳиш.
Дарси маро дар хона,
Иҷро кунад дугона.
Қалам-қалам ҷон қалам,
Ман аз ту дорам алам.
Маро макун овора,
Худ ёб илоҷи кора.
Ба дафтарам нависон,
Машқ аз китоби забон.
Ҷӯробҳои гулдорам,
Ман ба шумо гап дорам.
Шумо ба пешам оед,





Ба ду боям дароед.
Ҳой-ҳой, ботинкаҳоям,
Интизори шумоям?
Зудтар шумо ҳам кӯшед,
Ҳарду поямро пӯшед.
Ҷон сумкаҷон, худ аз худ,
Ба пешакам биё зуд.
Остини ростинам,
Биё бар остинам.
Эй дасти чап, қапу дор,
Маро макун интизор.
Эй пойи раҳсипорам,
Наход туро бардорам?
Шумо ҳам интизоред,
Беҳтар маро бардоред.
Давонеду давонед,
Ба мактабам расонед.

## БОЗӢ

Биё-биё, ҷон, ако,
Дигар кора мон, ако.
Гапи маро бидеҳ гӯш,
Ду чашмаконатро пӯш.
Бояд маро ту ёбӣ,
Пинҳон шавам, ту кобӣ.
Ба хона медароям,
Даро ту аз қафоям.
Майлаш, биё, пинҳонам,
Дар қафои ҷевонам.
Агар набошам он ҷо,
Баро ба тоқи боло.
Танҳо наё пушти дар,
Он ҷо наям, бародар.

## ИМТИҲОН

-Уко, нахонӣ китоб,
Надонӣ ҳарфу ҳисоб.
Аз имтиҳон дармонӣ,
Супурда метавонӣ?
- Шумо, ки аълохонед,
Китобамро мехонед.
Аз тани ман, акоҷон,
Месупоред имтиҳон.

## ТОҚИФУТБОЛ

Бинам, доим ту, Боқӣ,
Футбол занӣ бо тоқӣ.
Тоқият меҳмонрав аст,
Гулҳояш моҳи нав аст.
Акнун рангаш парида,
Кӯҳнаву ҳам дарида.
Риштаҳояш кандагӣ,
Ин кори шармандагӣ.
Футболзанӣ бо туб аст,
Тоқифутбол нохуб аст.
Тоқӣ давлати сар аст,
Нақши дасти модар аст.

## СЕБИ САМАРҚАНДӢ

- Бобо, чаро себи мо,
Себи ҳавлизеби мо,
Пухтаву хуш, болида,
Ба рӯ сурхӣ молида.
Дар шохаҳо ҳаметанд,
Хушрӯву хел-хеланд.

Вале себи ҳамсоя,
Такя зада бар поя.
Кабуд асту сахту хом,
Метобад аз пушти бом.
- Ҷони бобо, себи мо,
Себи ҳавлизеби мо.
Себи самарқандӣ аст,
Себаки пайвандӣ аст.
Пешпазак бошад он,
Хӯред, шавад ошатон!

## ТАМОШОИ ОСОН

Ҷӯраҷон, Юнус,
Аз чор уқёнус.
Осон гузаштам,
Бе киштӣ гаштам.
Шашто қитъаро,
Кардам тамошо.
Ҳама қитъаҳо,
Хубанду зебо.
Наҳр ҳам бисёр,
Шаҳр бешумор.
Гӯё дар обанд,
Намешитобанд.
Аҷоиб олам,
Дунё беодам.
Машав ту ҳайрон,
Тамошо осон.
Хоҳӣ, биё бин,
Харитааст ин.





## ИДИ НАВРӮЗ

Субҳи дилафрӯз
Хушхабар омад.
Наврӯзи фирӯз
Гулбасар омад.
Ғул-ғули бисёр
Андар фазо шуд.
Домани кӯҳсор,
Пур аз наво шуд.
Дар таку дар дав,
Хурду калон шуд,
Пур аз суманак,
Болои хон шуд.
Дар иди Наврӯз,
Зебад зиёфат.
Бар хонаи мо,
Меҳмон хуш омад.

## ШОДМОНӢ

Додарамро хобондам,
Болояшро пӯшондам.
Ба гӯсфанд алаф додам,
Оби ҷӯча кушодам.
Ба ҳавлимон об омад,
Ба киштиҳо тоб омад.
Партовҳоро кашондам,
Ҳезумҳоро кафондам.
Осуда шудам, сонӣ,
Нишастам китобхонӣ.
Додоям аз кор омад,
Очам аз бозор омад.
Падар, ҳам модар хушнуд,
Рӯзи шодии ман буд.

## ОБШОРИ ЗИДЕҲ

Ҳар сӯ пури овоз аст,
Ҳар гӯша пур аз роз аст.
Шир-шири оби ҷӯй аст,
Бӯйи хуши ҳулбӯй аст.
Рудаш дар печутоб аст
Шамолакаш бехоб аст.
Тармаи кӯҳ фуромад,
Оҳу чаро баромад.
Куҳу пушта пур аз гул,
Рама биёмад аз ҷӯл.
Ҳам обшор сар шуд,
Зидеҳи мо дигар шуд.

## ХУДАМРО ХОБ БУРДААСТ

Алла гӯям дар барат,
Хоби ширинат барад.
Алла-алла, додарам,
Ман ба ҷойи модарам.
Алла, вале якбора
Дар паҳлӯи гаҳвора.
Хоби худам бурдаст,
Нонама гурба хӯрдаст.
Хеста бинам, додарам,
Дар бағали модарам.

## ТАСВИР

Обаки софи ҷӯча,
Мурғи чипору кӯча.
Зоғаки шохи дарахт,
Чаро нишаста карахт?

Дар рӯйи боме пишак,
Дар назди пишак мушак.
Мушак ҳам наметарсад,
Мӯякаш намеларзад.
Дар пуштаи дилписанд,
Рамаи гову гӯсфанд.
Тарафе намераванд,
Алафе намехӯранд.
Ҳама хобу ором аст,
Дар тасвири рассом аст.

## МАСХАРАБОЗ

Шағол барин уллосаш,
Бузак барин маъосаш.
Аз нав ранги барра шуд,
Гурги дандонарра шуд.
Хирсак шуд – рӯбоҳак шуд,
Гурбаи сиёҳак шуд.
Худро яке харгӯш кард,
Табъи ҳамаро хуш кард.
Парда гирифт аз рӯяш,
Нигаҳ кардам ба сӯяш.
Додари худам Ғозӣ,
Кораш масхарабозӣ.

## ПУФАК

Пуфаки ман парвозӣ,
Дорад бо шамол бозӣ.
Бе болу пар мепарад,
Шамол ӯро мебарад.
Ҳо, шамоли бозигар,
Пуфаки манро бубар.

Бубар онро ба осмон,
Бозӣ куну баргардон.

## БА КАСБИ ХУД МЕНОЗЕМ

Додои́ман ронанда,
Худи худам хонанда.
Кранчии хуб аком,
Экскаваторчӣ тағом.
ГЭС-и Роғун месозем,
Ба касби худ менозем.

## ШАМОЛАК

Ҳур-ҳури хур омадӣ,
Аз раҳи дур омадӣ.
Бепову даст омадӣ,
Бо зӯру шаст омадӣ.
Аҷаб фарроши хубӣ,
Ҳавлиҳоро мерӯбӣ.

## ОЛУ

Олуи зардаки боғ,
Ранги асал пурҷило.
Дар тамузи тобистон,
Мепазад олуи мо.
Олу, ки пухт ҳил-ҳил,
Ба чидан сар мекунам.
Даҳони одамонро,
Шаҳду шакар мекунам.

## УСТОЗАНБӮР

Хоначаи дакаданг,
Девораш белою санг.
Бе хишту чӯбу тахта,
Мулоим мисли пахта.
Бесутуну бедолон,
Ҳарҷо бинӣ, овезон.
Чун хӯшаяки ангур,
Меъмораш – устозанбӯр.

## ҲАВЛИИ МО

Қут-қути мурғи чипор,
Хониши гунҷишку сор.
Савти хуши бедона,
Ояд аз паси хона.
Дар нӯги шохи шаҳтут,
Хонад тарона ҳудҳуд.
Қақраи кабк аз қафас
Форам расад ҳар нафас.
Деҳаи мо ҳар маҳал,
Пур бувад аз ин магал.

## МУКОФОТ

Гурбаяки хушрӯям,
Як гап ба ту мегӯям.
Ту хобу ман бехобам,
Гӯшворама мекобам.
Гӯшвораам нуқрагин,
Гирдаку танга барин.
Гурбаякам хап нашин,
Рав, таи сандуқа бин.

Дидани зери ҷевон,
Мошон бароят осон.
Ёбӣ медиҳам нишон,
Мушхонаро, гурбаҷон.

## СУХАН

Сухан аз дил бурун ояд,
Макӯш ҳаргиз фузун ояд.
Сухан талху гаҳе ширин,
Сухан заҳр асту ангубин.
Сухан кӯтаҳ агар бошад,
Сухан шаҳду шакар бошад.
Сухан меҳру вафо гардад,
Сухан нури сафо гардад.
Сухан турфа навозиш аст,
Сухан неш асту коҳиш аст.
Сухан имону виҷдонам,
Сухан лафзи ниёгонам.

## ОБИ ЗУЛОЛИ ҶӮБОР

Шаҳро парма мекунад, оби зулоли ҷӯбор
Бӯйи тарма мекунад, оби зулоли ҷӯбор.
Бӯйи торон мекунад, оби зулоли ҷӯбор.
Бӯйи райҳон мекунад, оби зулоли ҷӯбор.
Бӯйи сунбул мекунад, оби зулоли ҷӯбор,
Бӯйи сад гул мекунад, оби зулоли ҷӯбор
Рӯзу шаб дар шитоб аст, оби зулоли
ҷӯбор,
Чун модари бехоб аст, оби зулоли ҷӯбор.

## ҲУСНИ ДАРА

Дара ҳусни шаршара,
Шаршара ҳусни дара,
Рӯзе, ки офтоб аст,
Шаршара нуқратоб аст.
Монанди мӯйи момом.
Монанди риши бобом.

## ОБИ РАВОН

Оби равон,
Давон-давон
Ханда ба лаб,
Рақскунон.
Биё, биё,
Аз пайи ман.
Қафо намон
Оби равон.
Боғ барам,
Ҷӯйи ба ҷӯ,
Реза кунам
Мӯйи ба мӯ.
Себ хӯрад,
Нок хӯрад.
Биҳӣ хӯрад,
Ток хӯрад.
Тути хами хона хӯрад,
Анори бедона хӯрад.
Сер хӯрад, бор диҳад,
Меваи бисёр диҳад.
Мо хӯрем, калон шавем,
Дар деҳа боғбон шавем.

## НЕЪМАТИ ЧОР ФАСЛ

- Чӣ медиҳӣ зимистон,
Ба деҳаи кӯҳистон?
Барфаки резон диҳам,
Зеби кӯҳистон диҳам.
- Чӣ медиҳӣ, баҳорон,
Ба деҳаи кӯҳистон?
- Ман резаборон диҳам,
Чукрию торон диҳам.
Замини сабзу гулпӯш,
Чашмаю руди пурҷӯш.
Ҳам офтоби хандон
Чӣ мефорад ба ту, ҷон?
- Тобистон, эй Тобистон,
Чӣ медиҳӣ ба моён?
- Ман ноку олу диҳам,
Себу шафтолу диҳам?
Меваи бисёр диҳам,
Ғалла ба анбор диҳам?
Сайру саёҳат диҳам,
Дунёи роҳат диҳам.
- Тирамоҳи зарнигор,
Чӣ медиҳӣ ту бисёр?
- Ҳосил ҳама ғун шавад?
Маҳсулаш афзун шавад.
Неъмати се фасли сол,
Ҷамъ кунам бемалол?
Ман хони алвон диҳам
Бахри шумоён диҳам?

## ПИЛТАИ ГАЗ

- Ба дегча гӯям,
Биншин ба рӯям.
Равған, ки ояд,
Ба дег дарояд.
Гӯшту пиёз ҳам,
Сабзии соз ҳам.
Биринҷу нахӯд,
Як ҷо шавад зуд...
Шунав ҷизу ҷаз,
Шавад пазопаз.
Марҳамат, меҳмон
Оши палавҷон.

## МОШИНИ КӮҲСОР

Харак, харак, харак, ҷон
Ҷонвари кӯҳбарак, ҷон.
Ба пуштакат зин занам,
Оҳиста қамчин занам.
Зина-зина барой,
Чун мошина барой.
Лаб-лаби ҷар барой,
Шому саҳар барой.
Бар тану куллаи кӯҳ,
Кӯҳ, ки дорад шукӯҳ...
Боз аз он фурой,
Бо дилу ҷон фурой.
Боз ба хона орӣ,
Беминнат дастёрӣ.
Харак, харак, харак, ҷон,
Ҷонвари кӯҳбарак, ҷон.
Ҳамеша зери борӣ,
Мошини кӯҳсорӣ.

## РОҲИ ЗИДЕҲ

Аз роҳи дашт
Кас, ки гузашт:
Ин сӯ камар,
Он сӯ камар.
Роҳи чараш,
Андар бараш.
Касро барад,
Тори сараш.
Дорӣ агар,
Азми сафар
Ҳушат ба сар,
Гиру гузар.
Оҳиста по,
Монӣ ба роҳ.
Ин роҳи деҳ,
Роҳи Зидеҳ.
Раҳ биспарӣ,
Худро барӣ.
Домони кӯҳ,
Бас бошукӯҳ.
Айрон хӯрӣ,
Чандон хӯрӣ.
Бо ҳамраҳи
Чӯпон хӯрӣ
Ин ҷо ки деҳ,
Поят бинеҳ.
Меҳмонӣ о,
Деҳи Зидеҳ.
Вақти гул аст,
Ларзон пул аст,
Созу наво,
Дар булбул аст.

Хушрангубор,
Авчу барор,
Фасли баҳор.

## МОДАР

Зи тифлӣ, то равуоям,
Ки худ гардам ба ду поям.
Ба ҳар хезу нишасти ман,
Ту бигрифтӣ зи дасти ман.
Тӯӣ, ақлу тавон додӣ,
Гуворотар забон додӣ.
Чу ҷон бигрифтаи дар бар,
Маро модар, маро модар.
Дилу ҷони манӣ, модар,
Нигаҳбони манӣ, модар.
Мадори ҷисму ҷон, модар,
Баҳори гулфишон, модар.
Ҳама бахту умедам ту,
Ҳамин роҳи сафедам ту.
Чу боақлу расо бошам,
Ба пирият асо бошам.

## ЧАШМА

Чашма куҷо меравӣ?
Бар-бари роҳ меравӣ?
Аз пеши по меравӣ?
Зидеҳи мо меравӣ?
Чашмаи софи зулол,
Обаки софат ҳалол.
Нӯш кунад бемалол,
Кабкаку мурғи ҳилол.

## РУДИ ЗИДЕҲ

Ай руди кӯҳӣ,
Бас бошукӯҳӣ.
Чу кабки мастӣ.
Бар даву шастӣ.
Дар печутобӣ,
Чу нуқратобӣ,
Бедорхобӣ…
Дар лаб тарона,
Рӯзу шабона.
Чӣ шӯху шанге,
Аз даратанге.
Равон ба водӣ,
Баҳри ободӣ.
Софу ширинӣ,
Меҳри заминӣ.
Ҳофизи деҳӣ,
Руди Зидеҳӣ.

## ҚАДРИ НОН

Қисса кунам сар ба сар,
Гӯш бидеҳ, эй писар.
Қиссаи даври кӯҳан,
Рӯзи шуми марду зан.
Соле, ки гандум набуд,
Ноне ба мардум набуд.
Дар лабе на ханда буд,
Ҳуш пароканда буд.
Аз баҳри як пора нон,
Оворан ҳар макон.
Аз деҳи мо се нафар,
Се писари бепадар.

Почову Холу Носир,
Лаб лаби рӯду адир.
Ба тори ағба рафтанд,
Дар ағба то наафтанд.
Асо ба даст буданд,
Бо зарбу шаст буданд.
Дар ағба гоҳе борон,
Мезад ба рӯйи ёрон.
Барфи баланд гоҳе,
Пӯшида рӯйи роҳе.
Мушкилгузар ҳамекард,
Пуробу тар ҳамекард.
Тундар аз ин сӯ ба фарқ
Мезад, аз он тараф барқ.
Оламро меларзонид,
Одамро метарсонид.
Аз ағба бо як азоб,
Бигзашта пушти Анзоб.
Дар деҳе дам гирифтанд,
Дам бешу кам гирифтанд.
Халтаҳоро кушоданд,
Рӯ ба қурут ниҳоданд.
Хӯрда қурут се писар,
Гаштанд рӯзи дигар.
Сӯйи Фалғар раҳсипор,
Тан лоғару бемадор.
Чу по ин ҷо ниҳоданд,
Чеҳраҳоро кушоданд.
Гӯё болу пар заданд,
Ҳалқаи як дар заданд.
Марде дарашро во кард,
Меҳмон ба дида ҷо кард.
Баъди салому алек,
Гуфт, ки: Номи ман Бек!

Пири батадбир будаст,
Шахси беназир будаст.
Ба нони ҷав меҳмон кард,
Сонӣ зағоранон кард.
Писарҳои хушбурут,
Аз халта дода қурут.
Он ҷо шабе бихуфтанд,
Матлаби худро гуфтанд.
Гуфто хандон мӯсафед,
- Ба дида хуш омадед.
Фалғар аҷаб ҷое ҳаст,
Маҳалли зебое ҳаст.
Ҳарҷо, ки боғоташ аст,
Чормағзи қоғоташ аст.
Ноку себу олуяш,
Ғулингу шафтолуяш.
Хеле фаровон бошад,
Лекин куҷо нон бошад?!
Мардум ҳама бечора.
Аз паси нон овора.
Аз орду гандумдона.
Наёбад кас нишона.
Писарҳои хушбурут,
Гиред, ин се саноч тут.
Гиред, аз мо себу нок,
Донаку зардолуқоқ.
Гуфтанд: Онҳо мо розӣ,
Иваз ба ҳарчӣ созӣ.
Дар сурату сират нек,
Ҷони одам Бобобек.
Неруи ҷону танаш
Гулнора-кампир занаш.
Кампиру чоли асил,
Ҳарду чу як ҷону дил.

Кулчаи арзан доданд,
Тути Урметан доданд.
Зардолую себи кок,
Як кафӣ талкони нок.
- Хуш омадед! – гуфтанд,
- Роҳи сафед! – гуфтанд.
Се писари дар сафар,
Хеста, рӯзи дигар
Пой ниҳоданд боз,
Бо роҳи дуру дароз.
Боз ба роҳи Анзоб,
Роҳи хатарнок, азоб.
Бо ҳама ранҷу ано,
Охир расиданд онҳо.
Бар пошнои Анзоб,
Бар лаби наҳри пуроб.
Ба дамгирӣ нишастанд,
Нони ҷавӣ шикастанд.
Пораи нон дар даҳон,
Бурданд, ки ногаҳон.
Бар сарашон абр омад,
Абри пурситабр омад,
Раъд, ки ғурранда шуд,
Тармаи кӯҳ канда шуд.
Тарма, на тармаи хурд,
Рӯфту онҳоро бурд.
- Ҷони худоӣ! – гуфтанд,
- Маргу ҷудоӣ! – гуфтанд.
Аз байни онҳо Почҷо,
Омада бар ҳуш, аз ҷо
Хеста ҷустуҷӯ мекард,
Нигаҳ ба ҳар сӯ мекард.
Носирро аввал, ки ёфт,
Холи бечораро кофт.

Не Хол буд дар миён,
Не ҳол буд дар миён.
Хаставу шалпар шуданд,
Аз сару по тар шуданд.
Асо гирифта кофтанд,
Тармаҳоро шикофтанд.
Аз қабати барфи сард,
Бо оҳу нолаву дард.
Тани ӯро кашиданд,
Хомӯшу мурда диданд.
Рӯзи дигар бар Зидеҳ,
Вақти саҳар бар Зидеҳ.
Мардум аз ин дар омад,
Мардум аз он дар омад.
Хона даробаро шуд,
Деҳа мотамсаро шуд,
Хоҳари зор нолид,
Хешу табор нолид.
Модари ӯ синачок,
Фурӯ фитода бар хок.
Баъди ду рӯзи писар,
Бигзашт хуничигар.
Нақли бобо шуд тамом,
Ин қисса ёфт анҷом.
Баробари дилу ҷон.
Писар, бидон қадри нон.

# МУНДАРИЧА

Меҳмон.......................................................... 4
Тӯҳфа..........................................................4
Бибии ман кулол аст..........................................4
Чун бачаи палангам..........................................5
Абри баҳор..........................................................5
Иззати бобо........................................................6
Норӣ, норӣ..........................................................6
Раҳгардон............................................................7
Нусхаи додом......................................................7
Усто.....................................................................8
Хоб......................................................................8
Фатири очам........................................................9
Орзу.....................................................................9
Гӯгирдчӯб............................................................9
Эҳтиром...............................................................10
Кони ханда..........................................................10
Масхара...............................................................11
Мавизу магзи ман...............................................11
Аз имтиҳон афтодам..........................................12
Ту калонӣ, ё ки ман............................................12
Ду бузак (Мазмун аз афсонаи халқӣ)..................12
Хандаи ширин.....................................................14
Асо.......................................................................15
Ҷӯра наям ба қайчӣ...........................................15
Маслиҳат.............................................................15
Ҷӯрагӣ..................................................................16
Ҷуворӣ.................................................................16
Тарбуз..................................................................16
Орзӯи танбал.......................................................17

Ҷавоби панҷ........................................................17
Сӯзану ришта........................................................17
Боғи ҳамсоя........................................................18
Дурӯғ нагӯям........................................................18
Дар нӯги қалам........................................................19
Чӣ овардӣ........................................................19
Расм........................................................19
Ман-manӣ........................................................20
Мушак........................................................20
Магас........................................................21
Мебуд агар се дона........................................................21
Савол........................................................22
Хоҳиши танбалхӯча........................................................22
Бозӣ........................................................24
Имтиҳон........................................................25
Тоқифутбол........................................................25
Себи самарқандӣ........................................................25
Тамошои осон........................................................26
Иди Наврӯз........................................................28
Шодмонӣ........................................................28
Обшори Зидеҳ........................................................29
Худамро хоб бурдааст........................................................29
Тасвир........................................................29
Масхарабоз........................................................30
Пуфак........................................................30
Ба касби худ менозем........................................................31
Шамолак........................................................31
Олу........................................................31
Устозанбӯр........................................................32
Ҳавлии мо........................................................32
Мукофот........................................................32
Сухан........................................................33
Оби зулоли ҷӯбор........................................................33

Ҳусни дара........................................................................34
Оби равон........................................................................34
Неъмати чор фасл...............................................................35
Пилтаи газ........................................................................36
Мошини кӯҳсор..................................................................36
Роҳи Зидеҳ.......................................................................37
Модар..............................................................................38
Чашма..............................................................................38
Руди Зидеҳ.......................................................................39
Қадри нон.........................................................................39

**Шарифи Муҳаммадёр**
**Обшори Зидеҳ**
**(шеърҳо барои кӯдакон)**

Муҳаррири ороиш А.Муҳаммадиев
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова
Мусаҳҳеҳ Ш.Сангинмуродов

Ба матбаа 24.06.2004 супорида шуд. Чопаш 24.07.2004 ба имзо расид. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70 х 90 $^{1}/_{16}$ Ҷузъи чопии шартӣ 3. Ҷузъи рангаи шартӣ 2,05. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 2,9. Адади нашр 1000 нусха. Супориши 13.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

1-50.